**Маълумот барои тамос:**
Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд
кӯчаи Ленин, 85а, п/я 49
тел.: (+992 3422) 6-24-32,
Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Турсунзода, 94/5,
тел.:(+992 8372) 2219354
E-mail:*asti@sugdinter.com*
*www.asti.tj*

*Лифлет бо маблағи молиявӣ ва дастгирии Комиссияи Аврупоӣ дар доираи барномаи «Осиёи Марказӣ - Инвест» таҳия ва нашр шудааст.*

# Ташкилоти ҷамъиятии "Ассосиатсияи зиёиёни илмӣ-техникии Тоҷикистон"





*Общественное объединение "Ассоциация научно-технической интеллигенции Таджикистана"*

ASTI

www.asti.tj

Ташкилоти ҷамъиятии **"Ассосиатсияи зиёиёни илмӣ-техникии Тоҷикистон"** (АЗИТ) дар аввали соли 1995 ташкил шуда, 18 сентябри соли 1995 дар Идораи адлияи Ҳукумати вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон расман сабти ном гардидааст (Шаҳодатномаи сабти номи №41).

АЗИТ – Ташкилоти ғайридавлатии ғайритиҷоратии ҷамъиятиест, ки ба рушди ислоҳоти демократӣ, ҳалли беҳтари масъалаҳои мардуми камбизоат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тариқи истифодаи босамари потенсиали зиёиёни илмӣ –техникӣ ва пурзӯр намудани нақши бахши ғайритиҷоратӣ бо роҳи амалисозии барномаҳои иҷтимоӣ, иттилоотӣ, ҳамоҳангсозӣ, таҳсилотӣ, машваратӣ ва рушд мусоидат менамояд.

9 августи соли 2005 Ассосиатсияи зиёиёни илмӣ-техникӣ ҳамчун ташкилоти ҷумҳуриявии ҷамъиятӣ ба қайд гирифта шудааст.

**МО БОВАРӢ ДОРЕМ**, ки ҳар як инсон ҳуқуқ дорад:
- барои ғизои кофӣ ва босифат
- барои кори сазовори пардохтшаванда
- барои муҳити безарари атроф
- барои таҳсилоти хуб ва хизматрасонии босифати тиббӣ
- барои ҳифз аз низоъҳои мусаллаҳона ва ҳодисаҳои харобиовари табиӣ
- барои ширкати иҷтимоӣ ва озодии сиёсӣ
- барои худмуайянкунӣ





- маблағгузории хурдтарин
- таҳлили секторӣ
- таҳлили занҷири арзиши иловагӣ
- таъин кардани ҷой ва соҳаи худ дар бозор
- технологияҳои инноватсионӣ ва коркарди ашёи ғайрианъанавӣ

**ТРЕНИНГҲО ВА КУРСҲОИ ТАҲСИЛОТӢ АСОСҲОИ МЕНЕҶМЕНТ**



- Кор дар ҳайат ва малакаи роҳбарӣ
- Конфликтология
- Асосҳои фасилитатсия
- Менеҷмент
- Методикаи таълими калонсолон
- Маркетинги иҷтимоӣ
- Мониторинг ва арзёбии барномаҳои рушд
- Идоракунии стратегӣ
- Идоракунии кормандон
- Идоракунии вақти корӣ

**МАБЛАҒГУЗОРИИ ХУРД, АСОСҲОИ МУҲОСИБА ВА ҲИСОБДОРӢ ВА ИДОРАКУНИИ МОЛИЯВӢ**

- Ташкили фаъолият оид ба маблағгузории хурд
- Ҳисобдории муҳосибавӣ дар ТМХ
- Таҳлили молиявӣ дар ТМХ
- Менеҷменти молиявӣ ва фандрайзинг



**БАНАҚШАГИРӢ**

- Банақшагирии стратегӣ
- Тафаккури амалиётӣ
- Бизнес-нақшагирӣ
- Таъини афзалияти масъалаҳо ва ҳалли онҳо, технологияи иштирок (PRA, PCA)
- Тафаккури лоиҳавӣ ва дизайни лоиҳавӣ
- Асосҳои таълими муштарак ва нақшагирӣ (принсип ва методҳои асосии PCA)
- Мафҳумҳои асосӣ ва воситаҳои мониторинг ва баҳодиҳӣ
- Низоми индикаторҳои сифатӣ ва миқдорӣ
- Низоми мониторинг ва баҳодиҳии барнома ва лоиҳаҳо
- Ҳисобот

***Агар Шумо мутаваҷҷеҳ шудед ва дар бораи ташкилоти мо маълумоти бештаре мехоҳед дошта бошед, метавонед бо мо тамос гиред ва мо албатта ба Шумо кӯмак мекунем.***

**Ташкилоти Ҷамъиятии**
**"Ассосиатсияи зиёёни илмӣ-техникии Тоҷикистон"**

www.asti.tj www.asti.tj www.asti.tj www.asti.tj

## Ифтихори мо:

Дастоварди ҳар як ташкилот вобаста аз тахассусмандии ҳайати он мебошад. Бинобар ин ҳайати мо аз пешоҳангони соҳахои ихтисосӣ буда, басти кормандонамон пайваста меафзояд.

Ташкилоти мо ба муваффақият нигаронида шудааст, аз ин рӯ мо шахсони ташаббускору серғайратро муттаҳид намудаем.

Таҷрибаи ҳаррӯза ва барнома-тренингҳо имкон медиҳанд, ки ҳайати нерӯманди мутахассисон ташкил карда шаванд. Ҳамчун пешоҳанги иттиҳодияҳои тахассусӣ, иштирокчии фаъоли ҷомеаи соҳибкорон, ҳайати мо доимо амалияи ташкилоти моро беҳтар менамояд.

Сиёсати кадрии ташкилоти мо барои стагнатсияи кормандон имконият надода, мо доимо рушди тахассусии кормандонро таъмин менамоем. Аз ин сабаб мушовирони ташкилоти мо дар ташкилоти тиҷоративу ғайритиҷоратӣ, ташикилоти байналмилаливу давлатӣ фаъолият намудаанд.

Активи асосии ташкилоти мо обрӯву эътибор мебошад. Ҳар як кормандони ташкилоти мо барои ҳифзи обрӯву эътибори софи ташкилот масъул мебошад. Мо меъёрҳои тахассусии мушовирро пайгирона риоя намуда дар кори худ низомхои тафтиши сифатро истифода менамоем. Ҳамаи ин рушди суръатнок ва муваффақияти моро таъмин менамояд.

Таҳқиқоти маркетингӣ, баҳодиҳӣ, пурсишҳо, таҳлилҳо.

Ташкилоти ҷамъиятии Ассосиатсияи зиёёни илмӣ-техникии Тоҷикистон таҷрибаи калони татбиқи таҳқиқот барои донорон ва ТҒҶ -ҳои байналмилаливу маҳаллӣ, инчунин барои ассотсиатсияҳо ва намояндагони соҳибкориро дорад. Кормандони ташкилоти мо дар соҳаҳои мазкур таҳқиқот гузаронидаанд:

Тавсеа додани бозори фурӯш



**РИСОЛАТ:**

- Рушд додани ислоҳоти демократӣ дар Тоҷикистон;
- Кам кардани мушкилоти камбизоатӣ, бо роҳи татбиқи барномаҳои иттилоотӣ, ҳамоҳангсозӣ, таҳсилотӣ, машварат ва рушд.

- **САМТИ ФАЪОЛИЯТ:**

- саҳмгузорӣ дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон;
- таҳия ва татбиқи барномаҳои таҳсилотӣ;
- татбиқ ва таҳияи барномаҳо оид ба тандурустии иҷтимоӣ;
- қудрат бахшидани ҷамъияти гражданӣ;
- саҳмгузорӣ дар рушди дигаргуниҳои демократӣ;
- татбиқи тадқиқот ва сиёсати эдвокаси;
- рушди ташкилотӣ ва менеҷмент;
- барномаи ҷавонон;
- маркетинг ва рушди агробизнес, тадқиқоти маркетингӣ;
- татбиқи чорабиниҳо оид ба пурзӯр кардани мутобиқати аҳолии деҳот ба шароити бозорӣ;
- паст кардани мухолифат дар минтақаи наздисарҳадии ҶТ;
- паст кардани хавфҳо ва натиҷаҳои фалокатҳои табиӣ;
- ҳифзи муҳити атроф.

Дар замони ҳозира ТҶ Ассосиатсияи зиёёни илмӣ-техникии Тоҷикистон бо дастгирии Комиссияи Аврупоӣ барномаҳои мазкурро татбиқ менамояд:

**Лоиҳаи муштараки HelpAge International ва АЗИТ**

HelpAge International
age helps

ASTI

Дар доираи маблағгузории Комиссияи Аврупо, HAI дар ҳамкорӣ бо АЗИТ лоиҳаи "Вусъат додани дастрасии кӯҳансолон ба хизматрасонии ҳифзи иҷтимоӣ ва тандурустӣ бо роҳи сохтани моделҳои самараноки ҳамкории иҷтимоӣ ва иштироки ҷомеаи гражданӣ дар равандҳои инкишоф" –ро амалӣ менамояд.

Татбиқи лоиҳа аз ҷониби HelpAge International ва Ассосиатсияи зиёёни илмӣ-техникии Тоҷикистон ба амал меояд.



Мақсади асосии лоиҳа иборат аз кам кардани сатҳи камбизоатӣ байни гурӯҳҳои ниёзманди аҳолӣ дар Тоҷикистон аз ҳисоби рушди устувор мебошад;

- паст кардани камбизоатӣ аз ҳисоби гурӯҳҳои ниёзманди аҳолӣ дар Тоҷикистон аз ҳисоби рушди устувор;
- интегратсияи шахсони куҳансол дар ҷомеа;
- шабакаи ОГО-и ихтисосӣ бо имкониятҳои бештар, барои онҳое, ки метавонанд шаҳрвандонро намояндагӣ ва муттаҳид намоянд.

Барои расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ дар давоми 18 моҳи фаъолияти лоиҳа метавонад дар 28 Кумитаи маҳаллӣ ва деҳот ва дар 4 ҷамоат татбиқ карда шавад: Шайдон, Киркудук, Ошоба, Қамишқурғони ноҳияи Ашт, бо таъмин кардани чунин талабот, аз ҷумла:

- дастрасии иттилоот ва таҳсилоти куҳансолон оид ба дастрасӣ ба хизматрасониҳо ва имтиёзот;
- таҳсил ва дастгирии мақомоти маҳаллии ҳукумати ноҳияи Ашт;
- таҳсили аъзоёни комитетҳои маҳаллӣ оид ба муқаррар кардани ҷомеаҳои ниёзманди камбизоат ва деҳот;



Дар доираи барномаи Комиссияи Аврупоӣ "Афзудани даромадҳои шахсӣ ва беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ дар вилоятҳои Хатлону Суғди Тоҷикистон" барномаи нави "Паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон аз тариқи таҳсилот ва таълими ғайрирасмӣ (PATENT) татбиқ мегардад.

Лоиҳа дар вилоятҳои Суғд ва Хатлони Тоҷикистон дар давоми 24 моҳ амалӣ мегардад. Татбиқи лоиҳаро Институти ҳамкории байналмилалии Ассотсиатсияи олмонии таҳсилоти калонсолон (dvv international) ва Ассоциатсияи зиёиёни илмӣ-техникии Тоҷикистон (ASTI) татбиқ мегардад.

Мақсади асосии лоиҳа иборат аз паст кардани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ бо роҳи таъмини дастрасӣ ба низоми таҳсилоти тахассусӣ-техникӣ (ПТО) барои табақаи васеи аҳолии калонсолон мебошад.

**Дастгирии корхонаҳои хурд ва миёна оид ба коркарди маҳсулоти сабзавоту меваҳо дар Тоҷикистон**

Лоиҳа аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо ба воситаи ташкилоти байналмилалии ILFSWERK AUSTRIA дар ҳамкорӣ бо ТҶ "Ассоциатсияи зиёиёни илмӣ-техникӣ" дастгирӣ ва маблағгузорӣ карда мешавад.

**Мақсади лоиҳа** – Мусоидат намудан ба нерӯбахшии ҳамкориҳои субъектҳои гуногун дар агробизнес дар вилояти Суғду Хатлон аз тариқи пешниҳоди идеяҳои нави соҳибкорӣ, беҳтар кардани хизматрасонӣ ва дастгирии корхонаҳои хурду миёна равонашуда ва фаъол кардани соҳаи коркарди маҳсулоти ғизоӣ мебошад.

Зермақсадҳо:

- Афзудани имкониятҳо ва рушди сохтори ташкилии ҳамкорони дохилӣ (АНТИ, НАДФ)
- Ташкили ду корхонаи таълимӣ оид ба коркарди маҳсулот ( намуна- Бизнес- инкубатор)
- татбиқи консепсияҳои нави соҳибкории навҷӯёна (франчайзинг, ассоциатсия оид ба фурӯши маҳсулот, намунаҳои тағйирпазири амалии молиявӣ) барои такмили корхонаҳои хурд
- муқаррар кардани ҳамкории устувор бо намояндагони тиҷоратии Австрия ва дигар кишварҳои Аврупоӣ ва Осиёи Миёна

**Ҳамкорон:**

- АЗИТ – Ассоциатсияи зиёиёни илмӣ-техникӣ узви АЗИТ дар доираи лоиҳа( Ғамхорӣ)
- АМХДФ – Ассоциатсияи миллии хоҷагиҳои деҳқонӣ-фермерӣ
- АМБСТ – Ассоциатсияи миллии бонувони соҳибкори Тоҷикистон

